# ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-062 назди Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон ба диссертатсияи Садиқова Шукрона Карчаевна дар мавзуи «Ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ.**

аз “12” 04. соли 2024 ш. Душанбе

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-062 назди Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон дар ҳайати: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Султанов Зубайдулло – раиси комиссия; доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Амонова Д.С. – аъзои комиссия; номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Раҳмонов Ҷ.Р. – аъзои комиссия мутобиқи банди 60-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Садиқова Шукрона Карчаевна, хулосаи зеринро қабул намуд:

## 1. Маълумот оид ба довталаби дараҷаи илмӣ

Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Садиқова Шукрона Карчаевна ба талаботи барои ҳимоя иҷозат додани диссертатсия аз рӯйи бандҳои 17 ва 18-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295 “Дар бораи тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267”), мувофиқат мекунад.

Садиқова Шукрона Карчаевна 24-уми январи соли 1985 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Соли 2007 факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси иқтисоди миллӣ бо дипломи аълочӣ хатм намудааст.

Аз соли 2013 то соли 2016 унвонҷӯйи кафедраи иқтисоди миллии факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буд. Аз соли 2007 то соли 2019 дар вазифаҳои ассистент, муовини декан оид ба корҳои ташкилию тарбиявии факултети иқтисод ва идора ва раиси бахши кор бо занон ва духтарони ДМТ фаъолият намудааст. Аз моҳи сентябри соли 2019 инҷониб дар вазифаи ассистенти кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ, фаъолияти илмию омӯзгорӣ менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст. Мавзуи рисолаи илмии Садиқова Шукрона Карчаевна «Ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ» дар ҷаласаи Шурои олимони

факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 22 январи соли 2013, суратҷаласаи № 6 баррасӣ ва тасдиқ гардидааст.

Роҳбари илмӣ: Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович - д.и.и., профессор, профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон.

Дар асоси супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз тарафи Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон, шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ мавҷуд аст. Имтиҳонҳо аз фанҳои таърих ва фалсафаи илм бо баҳои 4 «хуб», забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои 5 «аъло» дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва имтиҳони номзадӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ бо баҳои 5 «аъло» дар Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон супорида шудаанд.

Дар парвандаи аттестатсионӣ рӯйхати корҳои илмӣ мавҷуданд, ки онҳо ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дахл дошта, бо шумораи 22 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

**2. Мутобиқати мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси илмӣ**

Диссертатсияи Садиқова Шукрона Карчаевна дар мавзуи «Ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба ҳимоя пешниҳод шудааст, ба ихтисоси илмӣ мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда бо бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳаммияти баланди илмию амалӣ буда, ба рушди илмҳои иқтисодӣ саҳм хоҳанд гузошт.

**3. Пешниҳоди пурраи маводҳои диссертатсия дар корҳое, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ интишор шудаанд**

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 22 кори илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

**4. Маълумот оид ба асолати матни диссертатсия ва автореферати он, мавҷуд набудани иқтибосҳои носаҳеҳ**

Дараҷаи асолати матни автореферати пешниҳодгашта ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд: маводи шахсони дигар бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудаанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

**5. Комиссия пешниҳод менамояд:**

1. Диссертатсияи Садиқова Шукрона Карчаевна дар мавзуи «Ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– **Усманова Туфа Ҷумаевна** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти рушди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон;

– **Хамидова Сарвиноз Хамрабоевна** – номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи кори бонкии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров».

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** таъйин карда шавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

6. Рӯйхати ташкилотҳое, ки автореферати диссертатсия бояд тавзеҳ гардад, тасдиқ карда шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
аъзои шурои диссертатсионӣ Султанов З.С.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
аъзои шурои диссертатсионӣ Амонова Д.С.

номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
аъзои шурои диссертатсионӣ Раҳмонов Ҷ.Р.

Дурустии имзоҳои З.С. Султанов ва Д.С. Амонова-ро тасдиқ менамоям:

Сардори ШК ДСРТ А.А. Раҳимов